**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи “Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (*дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон*)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат.**

**15 декабри соли 2023, ш. Душанбе**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳайати: Раҷабов Р.К., доктори илмхои ихтисодӣ, профессор - раиси комиссия; Ҷабборов А.Ҷ., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор - узви комиссия Дустбоев Ш., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор - узви комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносой бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ - Одинаев Аслам Мадгиёевич, хулосаи зеринро хабул намуд:

**I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ.**

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Одинаев Аслам Мадгиёевич ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз руйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷахои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Одинаев Аслам Мадгиёевич, соли 1975 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Одинаев Аслам Мадгиёевич, соли 1996 Филиали Донишгоҳи техникии ш. Хуҷандро бо ихтисоси муҳандис-технолог ва соли 2010 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро бо ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит хатм намудааст. Аз соли 1998 то соли 2000 ба сифати корманди шуъбаи тиҷорати Ҷамъияти саҳомии «Хуросон»-и ноҳияи Москва, солҳои 2000-2001 мудири шуьбаи муассисаҳо ва сохтори бозаргонӣ дар Вазорати ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ, солҳои 2003-2005 Мутахассиси шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе, солҳои 2005- 2023 Сармуҳосиби муҳосиботи марказонидашудаи Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва соли 2023 инҷониб ба сифати сармутахассиси шуъбаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият менамояд. Ҳамзамон ба сифати ҳамкор дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба донишҷуён дарс мехонад.

Одинаев Аслам Мадгиёевич соли 2019 ба сифати унвонҷуи кафедра менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати

Тоҷикистон сабти ном шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар ҷаласаи Шурои олимони донишгоҳ аз 12 марти соли 2019, қарори № 9 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Ҳодиев Д.А. - номзади илмҳои иқтисодии, дотсент, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ.

**II.Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи "Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (*дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон*)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мутобиқ мебошад: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8. Масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иктисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**III.Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд.**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 11 кори илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла 3 мақола дар алоҳидагӣ нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд. Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

**IV.Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферата он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ.**

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд:

маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

**V. Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи "Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат, ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқаррризони расмӣ таъин карда шаванд:
   - Кошонова Манзура, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
   - Гурезов Сироҷиддин Изатуллоевич, номзади илмҳои иқтисодӣ, директори коллеҷи саноат ва хизматрасониҳои иҷтимоии шаҳри Леваканти Донишгоҳи байналмилалӣ сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Нашр ва паҳкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.
6. Руихати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

д.и.и., профессор Р.К. Раджабов

Аъзоёни комиссяи экспертӣ:

д.и.и, профессор Ҷабборов А.Ҷ.

д.и.и, профессор Дустбоев Ш.